آوازتاجیک

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

**2 ноябри соли 2022**
**Чоршанбе**
**№ 87 (14891)**

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


## ҲАФТАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТУРИЗМ ДАР САМАРҚАНД БАРПО ШУД

***Оғози ҳафтаи равон шаҳри Самарқанд меҳмонҳои зиёдеро аз дохил ва беруни кишвар пазироӣ кард. Меҳмонон барои иштирок дар “Ҳафтаи байналмилалии туризми зиёратӣ” озими ин шаҳри бостонӣ шудаанд. Ин матлабро тайи нишасти хабарӣ мушовири вазири туризм ва мероси фарҳангии ҷумҳурӣ Темур Мирзоев дар арафаи баргузории ин чорабинӣ баён намуд.***

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ҶОНИБДОРИ ВУСЪАТ ДОДАНИ ҲАМКОРӢ БО ОЛМОН АСТ



**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 1 ноябр ҳайати Олмонро зери роҳбарии вазири федералии корҳои хориҷӣ Анналена Links Бербок, ки дар мамлакатамон бо ташрифи расмӣ қарор дорад, қабул намуд.**

Зимни мулоқот ба масъалаҳои минбаъд вусъат додани ҳамкории бисёрҷанбаи Ўзбекистону Олмон эътибори алоҳида нигаронда шуд. Табодули афкор бинобар мавзӯи муҳими минтақавӣ ва байналхалқӣ ба вуқӯъ пайваст.

Инчунин аҳамияти идома додани табодули муфид ва машварат дар дараҷаи идораҳои сиёсати хориҷии ду мамлакат, босамар корбаст намудани механизмҳои дастгирии ташаббусҳои кории муштарак ва бизнес-лоиҳаҳо, баргузор намудани чорабиниҳои маданиву инсонпарварӣ таъкид гардид.

Қаноатмандӣ аз афзоиши нишондоди савдо ва сармояи ҳамдигар изҳор гардид. Аз аввали соли ҷорӣ табодули амвол 45 фоиз афзуд. Ҳаҷми сармояи ҷалбгардида бинобар ҷамъбасти соли ҷорӣ то 1 миллиард евро хоҳад расид. Аз он ҷумла ҳоли ҳозир дар Ўзбекистон беш аз 200 ширкати пешқадами немис бомуваффақият фаъолият мекунад.

Ғайр аз ин, ҳамкории молияву техникӣ, аз он ҷумла аз тариқи бонки «KfW» ва Ҷамъияти олмонии ҳамкории байналхалқӣ тавсеа меёбад.

Роҳбари идораи сиёсати хориҷӣ Анналена Бербок бори дигар ҷонибдории Олмонро ба дастгирии ҳамаҷонибаи барномаи бозсозиҳои демократӣ ва ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ дар Ўзбекистони Нав таъкид кард.

Манфиатдории минбаъда аз рушди ҳамкории амалӣ аз рӯйи чунин самтҳои бартаринок, мисли иқтисодиёти «сабз», энергетикаи муқобил, инноватсия, корбурди технологияи сарфакунандаи захира ва аз лиҳози экологӣ пок, татбиқи усулҳои пешқадами таълимӣ таъкид шуд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# САМАРАБАХШИИ ИМТИЁЗОТ ТАҲЛИЛ ГАРДИД

**Дар ҳузури Президент Шавкат Мирзиёев ҷамъомад оид ба таҳлили самарабахшии имтиёзҳо таҳлил гардид, ки барои соҳаҳои иқтисодиёт вогузошта шудааст.**

Баъзан ба одамон кӯмак лозим аст, то ки кори тиҷоратии худро оғоз кунанд, барои корхонаҳо ва ё ноҳияҳои дурдаст захира барои инкишоф ва баромадан ба бозорҳои хориҷӣ зарур мебошад. Давлат чунин ҳамдастӣ намуда, барои ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави кор ва афзоиши даромади аҳолӣ кӯмак мерасонад.

Дар солҳои охир бинобар ин мақсадҳо чандин имтиёз ҷорӣ карда шуда буд. Соли 2021 ҳаҷми умумии он 51 триллион сӯмро ташкил намуд. Дар натиҷа соли гузашта 170 ҳазор воҳидҳои нави хоҷагидорӣ кушода шуда, беш аз 500 ҳазор ҷойи кор фароҳам оварда шуд.

Дар шаш соли охир танҳо дар соҳаи андоз қариб 1,4 ҳазор имтиёз пешниҳод гаштааст.

Субсид барои дастгирии содирот инчунин натиҷа мебахшад, ба соҳибкорон барои бозори хориҷӣ баромадан мадад мерасонад. Соли гузашта 280 миллиард сӯм чунин субсид ҷудо карда шуд, ки аз он 220 миллиард сӯм барои ҷуброни харҷи киро равон карда шуд. Дар натиҷа 2,8 ҳазор корхона бори аввал ба бозори хориҷӣ баромад.

Ҳамзамон ба корхонаҳои содиркунанда қисме аз харҷаш барои стандартизатсия ва сертификатсияи байналхалқӣ, бима ва ҳатто реклама ҷуброн карда мешавад. Дар натиҷа ба ҳар як сӯме, ки ба соҳаи электротехника вогузошта мешавад, 870 сӯмӣ содирот рост меояд, дар соҳаи бофандагӣ 555 сӯмӣ, дар соҳаи саноати масолеҳи сохтмон 273 сӯмӣ рост меояд.

Барои ҳамдастӣ ба соҳибкорон низоми ҷуброни фоиз ва кафолати кредит ба вуҷуд оварда шудааст. Барои кам кардани бори кредит аз ҷониби Фонди дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ухдадорӣ ба миқдори 6 триллиону 100 миллиард сӯм гирифта шудааст, танҳо соли ҷорӣ ҷубронпулӣ ба миқдори 2 триллиону 500 миллиард сӯм пардохта шудааст.

Аммо ҳолатҳои истифодаи бемақсад ва бенафъи имтиёзот ба назар мерасанд. Ҳамин тариқ, аз 127 намуди субсид, ки аз буҷаи давлатӣ пардохта шудааст, 15-тоаш дар амал истифода намегардад.

Самаранокии имтиёзот дар бахш ва соҳаҳои мухталиф якзайл нест. Масалан, ба ҳар як сӯми имтиёзоти соҳаи хоҷагии қишлоқ 33 сӯмӣ арзиши иловагӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Ин нишондод дар соҳаи тандурустӣ 30 сӯм, дар соҳаи маориф 22 сӯм, дар соҳаи технологияи иттилоотӣ 16-ро ташкил менамояд.

Дар ҷамъомад вазифаи баланд бардоштани самарабахшии имтиёзот супурда шуд.

– Дар солҳои охир, барои он ки ба рушди соҳаи иқтисодиёт рағбат бахшида шавад, мо водор гардидем, ки миқдори имтиёзоти беназирро ҷорӣ созем. Ҳоло вақте фаро расид, ки бифаҳмем, ки ин чӣ дод, чӣ гуна хулосаҳо карда шуд, чӣ навъ таҷриба ба даст омад. Зарур аст, ки ҳар як сӯме, ки аз ҳисоби буҷа ҷудо карда шудааст, ҷобаҷо гузошта шуда, натиҷабахшии имтиёзот боло бурда шавад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Ба муовини Сарвазир ва вазири молия супурда шуд, ки маҳакҳои самарабахшии тамоми имтиёзот ва субсидро муайян намуда, низоми назорати ҷиддиро аз болои истифодаи муфиди он ҷорӣ намоянд.

Вазифа гузошта шуд, ки дар Палатаи ҳисобу китоб шӯъбаи мониторинг ташкил карда шуда, таҳлили доимии самаранокии имтиёзот роҳандозӣ гардад.

Ногузирии рӯйхатгирии имтиёзоти андоз ва гумрук таъкид гардида, бесамарҳояш бекор карда шуда, имтиёзҳо барои хориҷиён ва сармоягузорони ватанӣ яклухт гардонда шаванд.

Дар саросари ҷумҳурӣ 31 фоиз имтиёзоти андоз ба шаҳри Тошканд рост меояд. Саҳми Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Ҷиззах, Хоразм ва Сурхондарё аз 2 фоиз зиёд нест. Ҳамзамон талабот, андоз, имтиёзот, субсид, ҷубронсозӣ ва преференсия барои тамоми минтақаҳо якзайл буда, хоҳ вай, барои мисол, ноҳияи Олтинсойи вилояти Сурхондарё бошад, хоҳ ноҳияи Мирободи шаҳри Тошканд.

Аз ин рӯ роҳбари давлат супориш дод, ки низоме ҷорӣ карда шавад ва бинобар он имтиёзоти андоз бинобар дараҷаи инкишофи минтақа вогузошта шавад.

– Ҳоло акнун ба маҳалҳо рафта, қарорҳои мақсаднок бояд қабул кард, дурдасттарин ноҳияҳоро ба роҳи рушд андохта, аз имтиёзот дуруст истифода бояд бурд, – гуфт Президент.

Таъкид шуд, ки хабардории аҳолӣ ва соҳибкорон дар бораи соҳа баланд бардошта шуда, домани истифодаи имтиёзот васеъ гардонда шавад. Пешниҳод шуд, ки портали ягона оид ба субсид ба вуҷуд оварда шуда, дар он хидматҳо доир ба пешниҳоди ҳамагуна имтиёзот давра ба давра татбиқ карда шавад.

**ЎзА.**

# «БОНУИ СОЛ»-И САМАРҚАНД МУАЙЯН ГАРДИД

***Дар Маркази ҷавонони шаҳри Самарқанд зинаи вилоятии озмуни ҷумҳуриявии «Бонуи сол» баргузор гардид.***

Дар он 16 нафар бонуе, ки дар зинаҳои ҳудудии озмун ҷой гирифтаанд, рақобат карданд.

– Дар зинаҳои шаҳриву ноҳиявии озмун қариб 200 нафар бонувон иштирок карданд, – гуфт ҷонишини ҳокими вилоят, сарвари Садорати оила ва занону духтарони вилоят Зебинисо Раҳмонова. – Бонувони ширкаткунанда аз рӯи се шарт байни худ рақобат карда, аз заковат, дониш ва арзишҳои оилавӣ намунаҳоро намоиш доданд.

Бино ба натиҷаҳои ниҳоии озмун ҷойи аввал насиби сокини ноҳияи Тайлоқ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Самарқанд Маҳбуба Эргашева гардид. Ҷойи дуюмро соҳибкор Барно Туганова аз Пайариқ ва ҷойи сеюмро ёрдамчии ҳоким дар маҳаллаи Ермачити шаҳри Каттақӯрғон Фирӯза Раҳимова гирифтанд.

Илова бар ин, аз рӯйи як қатор номинатсияҳо, аз қабили омӯзгори фидокори сол, беҳтарин бонуи хонашин, соҳибкор ва устоди касби худ муайян гардида, аз ҷониби ташкилотчиён бо ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

***Раҳоварди сафар***

# ФАРЗАНДИ ЯК ЗАМИНУ ДИЛБАНДИ ЯК ҲАВОЕМ...

**Шаҳри энергетикҳо**

Рӯзи чорум дар доираи боздид аз Тоҷикистон мо — ҳайати Иттифоқи журналистони Ўзбекистон ба шаҳри Норак омадем. Моро раиси шаҳр Дилшод Асозода ва муовини ӯ Зуҳро Ҳакимзода самимона, мувофиқи расми хуби тоҷикона ва савту суруду нону асал пешвоз гирифтанд.

Сипас сӯи Осорхонаи ба номи «Дӯстии халқҳо»-и шаҳри Норак роҳ пеш гирифтем. Ин осорхона соли 1979 таъсис ёфтааст.

Осорхона дар масоҳати 522,8 метри мураббаъ доман густурдааст. Дар он таваҷҷуҳи моро ҳуҷҷатҳои сохтмончиён, мусавварҳои рассомон оид ба шаҳри Норак, НБО-и Норак ва Бойғозӣ, маводҳои бозёфтӣ ва бостоншиносӣ, сузаниҳо, кулолгарӣ, ки аз ганҷинаи фарҳанги мероси ниёгону бозёфтҳои нодир бозгӯӣ мекунанд, ҷалб намуд.

Ёдгориву аксҳои таърихӣ, либосҳои кориву тоскулоҳҳои коргарони неругоҳ, ки аз оғози корҳои сохтмонии НБО Норак то имрӯз нақл менамояд, ҳамчун хотираи таърихӣ ба маърази тамошо гузошта шудаанд.

Мувофиқи баъзе маъхазҳои таърихию адабӣ деҳкадаи Норак таърихи 2500-сола доштааст. Ҳамчун шаҳри энергетикҳо дар соҳили дарёи Вахш ҷойгир шуда, масоҳати он 394,5 мураббаъ километрро ташкил медодааст.

— Айни ҳол дар шаҳрамон қариб 60 ҳазор нафар намояндагони миллатҳои гуногун кор ва зиндагӣ мекунанд. Дар шаҳр 39 деҳаю маҳалла, ташкилоту муассиса ва корхонаҳои зиёд мавҷуд аст. Қариб ҳар рӯз ба ин ҷо аз тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ ва кишварҳои хориҷӣ меҳмонон омада, пеш аз ҳама аз табиати зебову назаррабо ва Неругоҳи барқи обии Норак ва сарбанди он дидан мекунанд, — мегӯяд муовини раиси шаҳр Зуҳро Ҳакимзода. — Мардуми шаҳр аз қадим ҳунарҳои миллии кашидадӯзӣ, қуроқдӯзӣ, табақу қошуқтарошӣ, мӯзадӯзӣ ва аз чӯб тарошидани асбобҳои мусиқиро касб кардаанд ва то ҳанӯз ин ҳунарҳоро идома дода истодаанд.

Вақте Норак мегӯем, бузургтарин Неругоҳи барқиву обии “Норак” пеши назарамон падид меояд, ки дар Осиёи Миёна ҳамто надорад.

НБО Норак ба номи Турсун Ўлҷабоев дар дарёи Вахш сохта шудааст. Сохтмони неругоҳ соли 1961оғоз гардида, гидроагрегати нахустини он соли 1972, охиринаш соли 1979 ба кор дароварда шудааст. Дар он 9 гидроагрегати иқтидори лоиҳавиашон 300 ҳазор кВт насб шудаанд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# КОМЁБИИ ПАХТАКОРОНИ НОҲИЯИ РОМЕТАН

***Пахтакорони ҳимматбаланди ноҳияи Рометан 30 октябри соли ҷорӣ дар вилоят дуюмин шуда супоришоти солонаи пахтасупориро иҷро карданд. Дар ноҳия маъракаи ғунучини ҳосил 25 сентябр оғоз ёфта, дар он 194-то отряди пахтачинон иштирок намуданд. Ба туфайли меҳнати фидокоронаи онҳо қуллаи мақсад фатҳ гардид. Хирмани пешбинигардидаи 41600 тоннагии ноҳия 100,1 фоиз тайёр шуд.***




Ҳосилнокии майдонҳо нисбати соли гузашта дар ҳар як гектар 5-6 сентнерӣ зиёдтар гардид. То имрӯз 85 фоизи хоҷагиҳои фермерии ноҳия супоришоти пахтасупориро иҷро карда бошанд, аксарияти онҳо бо чинаки аввал ба марраи мурод расида буданд. Риояи қатъӣ ва саривақтии тадбирҳои агротехникӣ боиси фаровонии ҳосил шуда бошад, дар давоми ҳосилғундорӣ ба чинакчиён саривақт дода шудани музди пахтаи чидашуда, бо мақсади ҳавасманд намудани чинакчиён ва роҳбарони отрядҳои пешқадам дода шудани тӯҳфаҳои пурарзиши ҳокимияти ноҳия, ташкилоти давлатию ҷамоатӣ самаранокии корро таъмин кард. Деҳқонони асил суръати пахтачиниро суст накардаанд. Онҳо мехоҳанд ҳосили рӯёндаашонро то охир чинда, ба давлат супоранд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

***Қабл аз он ки ба матраҳ кардани мавзӯи таҳти назари худ пардозам, аз он нукта ёдовар мешавам, ки “Ҳафтаи технологияи ахбору коммуникатсионӣ” дар Самарқанд ба майдони мулоқотҳо, таҷрибаивазкуниҳо ва роҳандозии ҳамкориҳо мубаддал гардид. Ҳар як ҷаласаи он дар савияи баланд сурат гирифт. Дар ин маврид бевосита мақомоти роҳбарии Вазорати рушди технологияи ахбору коммуникатсионӣ ва “Ўзтелеком” нақши муассир бозиданд.***

# ЧОРАБИНӢ ХЕЛЕ ДАР САТҲИ БАЛАНД БАРГУЗОР ГАРДИД

Дар ин чорабинии байналмилалӣ иштироки ҳамтоён ба он мусоидат намуд, ки аз кору фаъолияти худ гӯям, аз тариқи мулоқот аз таҷрибаи бойи онҳо бархурдор шавам. Фикр мекунам, ки ин чанд рӯзи ҳузури мо аз он ҷиҳат хотирмон буд, ки маърӯзаҳои зиёд шунида шуданд ва дар атрофи он муҳокимарониҳо ба вуқӯъ пайвастанд.

Ман бевосита дар ҷаласаи Шӯрои сарони раҳбарони Ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи алоқа (ҲМА-РСС) ширкат намудам. Ҳуқуқи муаррифии ҷумҳурии моро дар чунин як чорабинии муҳими байналмилалӣ маҳз ширкати «МегаФон Тоҷикистон» соҳиб шуд, ки ҳамчун таъминкунандаи асосии рақамисозӣ дар кишварамон эътироф гардидааст.

Аъзои Ҳамкории минтақавии алоқа маъмурияти алоқаи 17 кишвари АвруОсиё маҳсуб меёбанд. Иттиҳоди мазкур вазифаи як мақоми байнидавлатии ҳамоҳангсозиро низ иҷро мекунад, инчунин ҳамкориро дар соҳаи табдили рақамӣ ба таври васеъ инкишоф медиҳад. Ғайр аз ин, мамлакатҳои аъзои ҲМА дар ин замина имконият пайдо намуданд омилҳоеро, ки ба пешрафти соҳа халал мерасонанд, муҳокима карда, роҳҳои бартараф сохтани ин монеаҳоро мушаххасан нишон диҳанд.

Дар ҷаласа банда низ суханронӣ кардам ва дар бораи вазъи кунунии соҳаи алоқаи ҷумҳуриамон фикрҳоямро баён намудам. Дар ҳоли ҳозир аз 10 миллион нафар аҳолии кишвар қариб нисфи интернети мобилӣ ва хидматҳои рақамӣ аз хидмати ширкати мо истифода мекунанд. Ҳукумати Тоҷикистон табдил додани кишварро ба як маркази байналмилалии рақамӣ аз ҳадафҳои муҳими худ қарор додааст.

Дарвоқеъ, он аз тарҳҳое куллан дастгирӣ мекунад, ки барои иҷрои чунин вазифаи пурмасъалияту муҳим равона шудаанд.

Ҳоло мо ба бунёди як парки IT талош дорем ва ба ин васила дар Тоҷикистон ба эҷоди ҳукумати рақамӣ асос мегузорем. Ҷумҳурӣ барои ҳамкории ҷаҳонӣ дар соҳаи рақамикунонӣ омода аст ва дарҳои худро барои аз худ кардани таҷрибаи беҳтарини давлатҳои дигар низ боз намудааст.

Дар бораи “МегаФон Тоҷикистон” танҳо ҳаминро тазаккур медиҳам, ки натанҳо дар рақамисозии кишвар ширкат мекунад, балки як ҷузъи калидии ин раванди густурда мебошад. Ба 80 дарсади аҳолии Тоҷикистон имкони истифодаи 4G интернет аз операторҳо фароҳам оварда шудааст. Аз 3 ҳазор пойгоҳе, ки ширкати МегаФон дар Тоҷикистон насб кардааст, 70 дарсад стандарти баландсуръатро дастгирӣ мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки экосистемаи хидматрасониҳои рақамӣ, аз ҷумла IP-телевизион, тибби онлайн, таҳсилоти онлайн, финтех ва варзиши электронӣ тавсеа ёфта, хизматрасониҳои замонавӣ ҳатто дар ноҳияҳои дурдасти кишвари мо дастрас мешаванд. Ба таври умда метавон гуфт, ки имкониятҳои нави рақамикунонӣ ба сифати нави ҳаёти имрӯзаи мардуми Тоҷикистон табдил меёбанд.

«Superapp “MegaFon Life” ва баъзе дигар хидматрасониҳои рақамӣ, ки ба роҳ монда шудаанд, барои кишвари мо беназиранд. Таҷрибае, ки дар ҷараёни татбиқи чунин лоиҳаҳо ба даст омадааст, дар дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ низ талабгор хоҳад дошт ва ба эҷоди маҳсулоти нав барои миллионҳо одамон мусоидат хоҳад кард.

**Анатолий ИЗЮМНИКОВ,**
**мудири иҷроияи “МегаФон Тоҷикистон”.**

# ФАРЗАНДИ ЯК ЗАМИНУ ДИЛБАНДИ ЯК ҲАВОЕМ...

(Аввалаш дар саҳ.1).

### Диёри симоҳои бузург

Манзили навбатии мо ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, ки дар дараи рӯди Кангурт ҷой гирифта, дар шимол бо ноҳияи Темурмалик, дар шарқ — бо ноҳияи Ёвон, дар ғарб — бо ноҳияи Ҷомӣ ва дар ҷануб — бо ноҳияи Норак ҳаммарз будааст, гардид. Мавзеи Данғара дар гузаштаву имрӯз баҳри ободию шукуфоии кишвар ва хидмати башарият симоҳои бузургу диловарони зиёдро ба майдон овардааст, ки намунаи олии он дар симои Президент Эмомалӣ Раҳмон таҷассум гардидааст. Дар ин ҷо низ моро бо расму русуми тоҷикона ва савту навои дилнишин пазироӣ намуданд.



Саравval мо бо фаъолияти ҶММ «Ҷунтай Данғара Син Силу текстил» шинос шудем, ки дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони чиноӣ созмон дода шудааст. Дар ин ҷо ашёи хоми ватанӣ – пахта парваришу рӯёндаву пурра коркард гардида, аз ресмон то матоъ ва дар қисмати ниҳоӣ либосҳои пахтагин омода карда мешудааст. Корхона беш аз 1000 нафарро бо кор таъмин намудааст.

Сипас аз синфхона, музей-гимназияи ҷумҳуриявии ноҳия, ки аз давраҳои мактабхонӣ, рӯзгори шарафмандонаи Президенти Тоҷикистон бозгӯӣ менамояд, дидан намудем.

Дар яке аз биноҳои дилкашу назаррабо — Қасри фарҳанги Данғара, ки аз ҳунарҳои мардумӣ аз ҷумла, гаҷкорӣ ва кандакорӣ, оинабандӣ бо маҳорати баланд оро дода шудааст, бароямон дар васфи дӯстии ду кишвари бародару дӯст филми ҳуҷҷатӣ ва барномаи ҳунарӣ намоиш дода шуд.

Сипас аз нигористон, толори рақси миллӣ, ҳуҷраи маҳфили рассомон, синфхонаи асбобҳои зарбӣ, толори омӯзиши асбобҳои мусиқӣ ва ҳуҷраи ороишии санъаткорон дидан кардем.

Шомгоҳон бо таассуроти баланд ва хушҳолӣ аз меҳмоннавозии мардуми ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ба шаҳри Душанбе раҳсипор шудем.

### Зиёрати зодгоҳи Одамушшуаро

Субҳи рӯзи панҷум мо сӯйи Панҷакент роҳ пеш гирифтем. Дар деҳаи Рукнобод — маркази ҷамоати деҳоти Ворӯ ҳайати моро муовини раиси шаҳр Парвина Нақибӣ бо намояндагони созмони рӯзноманигорон дар вилояти Суғд ва шаҳри Панҷакент, санъаткорони шаҳр бо нону намак ва шеъру мусиқӣ пазироӣ намуданд.

Бори охир ба шаҳри Панҷакент 30 сол муқаддам ҳангоми донишҷӯиям — соли 1982 омада будам. Ҳамон солҳо рӯзҳои шанбе баъди дарс барои аёдати духтари амакам, ки ба ин ҷо ба шавҳар баромада буд,, меомадам.

Бояд гуфт, ки Панҷакент баъди гузашти солҳо тағйироти зиёдеро паси сар карда, аз лиҳози ободонӣ назар ба он солҳо хеле зебову назаррабо шудааст. Манзараи бинову хиёбонҳои шаҳри бостонӣ, хусусан, дар замони истиқлоли ҷумҳурӣ дигаргун гаштааст.

Сипас ҳамроҳи ҳамкасбонамон раиси Иттифоқи журналистони вилояти Суғд Илҳом Ҷамолиён, сармуҳаррири рӯзномаи “Сагдийская правда” Исоқҷон Зокиров ва намояндаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти шаҳри Панҷакент, журналисти варзида Бобо Солеҳзода роҳ сӯйи Панҷрӯд пеш гирифтем. Аз тамошои манзараҳои дилфиребу ду тарафи роҳ ва зарофату ҳазлу шухиҳои Бобо Солеҳзода ба деҳкадаи Панҷрӯд, ки аз Панҷакент 53 километр масофа доштааст, чӣ хел расиданамонро надониста мондем.

—Раҳорах дидем, ки деҳаҳои Тоҷикистон аз деҳаҳои мо фарқе надоштаанд. Пахта, ғалла, себ, зардолу... ҳамааш як хел. Танҳо моро сарҳадҳои рамзӣ ҷудо мекардаанду халос. Дар тӯли сафар ба он амин гардидам, ки тоҷикону ӯзбекҳо танҳо бо забонашон фарқ мекардаанд. Аммо ин тафовут ҳам ба якдилии халқҳои мо монеъ шуда наметавонистааст. Куҷое наравем, ҳама бо забони дилхоҳашон сухан мегуфтанд. Тоҷикон ӯзбекиро, ӯзбекҳо тоҷикиро бе ягон тарҷумон мефаҳмиданд. Агар дил наздик бошад тафовути забонӣ дӯстиро халалдор карда наметавонистааст, — мегӯяд Журналисти шоистаи Ўзбекистон, сармуҳаррири рӯзномаи «XXI аср» Норқобил Ҷалил.

Табиати зебову дилфиребу ин диёри куҳан ҳар як бинандаро мафтун мегардонад. Кас эҳсос мекунад, ки ин диёри куҳнабунёд Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ барин симои барҷастаро маҳз бо чунин табиати мафтункунанда зодаву парваридааст.

Ба Панҷрӯд барои зиёрати қабри устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ низ ҳанӯз солҳои аввали донишҷӯиям дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд ҳамроҳи ҳамкурсонам соли 1982 омада будам. Он вақт даромадгоҳи он дарвозаи панҷарагини чӯянӣ дошт. Қабр бо мармари сафед рӯйпӯш шуда буд.

То ин рӯз орзу доштам, ки бори дигар ба Панҷрӯд омада, мақбараи нахустшоири номвари олами шеъри тоҷикӣ-форсӣ Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро зиёрат кунам. Шукри Худованд, ки ин орзуям ба туфайли сафарамон ба Тоҷикистон ҷомаи амал пӯшид.

Аз дарвоза ворид шуда, тавассути роҳрави зинадори мармарин ба ҷониби мақбара раҳсипор шудем, ки ду тарафи он гулу сабзазор буда, дар ҷониби чап боғи зебое ҷойгир шудааст, ки ба кас завқу шавқи хосса мебахшад.

Мақбара бо назардошт ва истифодаи анъанаҳои меъмории мақбараҳо тарҳрезӣ гардида, шакли ҳаштгӯшаи гунбазпӯшро дорад.

Дохили мақбара нисбат ба пешина хеле барҳаво гардида, гунбади бузург бо анъанаҳои классикӣ гаҷкорӣ ва болои ҳашт сутун устувор шудааст. Қабрро бо мармари кабуду сиёҳчатоб рӯйкаш намудаанд. Гунбад аз берун бо лавҳаҳои махсуси осмониранги баланд пӯшида шуда, нисбати гунбади мақбараи пешина калонтару бошаҳоматтар ба назар мерасад.

Дар сари қабри Одамушшуаро раиси Иттифоқи журналистони Ўзбекистон Олимҷон Ўсаров ояте аз Қуръони маҷидро тиловат намуд.

Баъд вориди Осорхонаи ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ шудем. Ин ҷо ба мо дар бораи натиҷаҳои кофтуковҳои бостоншиносӣ нақл намуданд. Ҳоло Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихию кишваршиносии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамчун муассисаи илмӣ-тадқиқотӣ фаъолият доштааст. Маълум шуд, ки аз он ҳамарӯза баробари сокинони кишвар, сайёҳони зиёд низ дидан мекардаанд.

Сипас моро ба китобхонаи махсуси осорхона роҳбаладӣ намуданд, ки аксари китобҳои ин махзани маърифат аз ҳаёт ва фаъолияти Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бозгӯӣ менамоянд.

### Боздид аз Саразми бостонӣ

Аз Панҷрӯд бо як олам таассурот сӯйи шаҳраки Саразми бостонӣ роҳ пеш гирифтем. Саразм ёдгории нодири даврони энеолит ва асри биринҷии Осиёи Марказӣ буда, ин давра тақрибан ҳазораҳои чорум-сеюми то милод ва дар баъзе минтақаҳо то ҳазораи дуюми пеш аз милодро дарбар мегирад.

Ёдгории бостонии Саразм дар соҳили чапи яке аз дарёҳои бузурги Осиёи Миёна – Зарафшон, дар баландии 910 метр аз сатҳи баҳр, 15 километр дуртар аз маркази шаҳри Панҷакент ҷойгир шудааст.



Ин макони таърихӣ нимаи солҳои 70-уми асри гузашта аз ҷониби олим Абдулло Исҳоқов кашф шуда, феълан ба яке аз марказҳои муҳими ҳафриётии олами муосир табдил ёфтааст.

Соли 1976 сокини деҳаи Авазалии шаҳри Панҷакент, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ — Ашӯралӣ Тайлонов духтарчаи 8-солаашро ба маркази шаҳр оварда, бо хоҳиши вай барои тамошо ба осорхона меравад. Дар осорхонаи ба номи Рӯдакӣ падар ҳамроҳи духтараш нигораҳоро тамошо мекунад. Ашӯралӣ Тайлонов пас аз дидани нусхаи гаҷии табарчаи биринҷии аз деҳаи Ёрӣ ёфтшуда, изҳор медорад, ки ҳангоми хонасозӣ ӯ низ чунин асбобро ёфтааст ва агар лозим бошад, онро ба осорхона тӯҳфа менамояд. Сипас, бостоншинос Абдулло Исҳоқов барои овардани табарча ба хонаи он мард меравад ва ҳамин тариқ моҳи сентябри соли 1976 Саразмро кашф мекунад.

Масоҳати умумии ёдгорӣ аз 130 гектар иборат мебошад.

Дар шаҳри бостонии Саразм ба мо аз номи раиси шаҳр Абдухолиқ Холиқзода муовини аввали раиси шаҳр Муҳаммадсодир Сафарзода тӯҳфаҳои хотиравии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрро супурд.

Раиси Иттифоқи журналистони Ўзбекистон Олимҷон Ўсаров барои пазироии самимонаи мизбонон арзи сипос намуда, аз ҷумла, зикр кард, ки ба туфайли сиёсати оқилонаи роҳбарияти олии ду кишвари ҳамсоя муносибатҳои гуногунҷабҳаи мо тақвият меёбад ва ҳайатамон диду боздидҳояшонро аз Тоҷикистон, аз ҷумла, Панҷакент ба хонандагону тамошобинони Ўзбекистон пешкаш мекунанд. Ин ҳамкориҳои судманд имкон медиҳад, ки журналистони Ўзбекистону Тоҷикистон табодули таҷриба намоянд ва аз ҳаёту рӯзгор ва рушди соҳаҳои хоҷагии халқ бештар мавод таҳия намоянд. Бояд гуфт, ки ин сафарҳо робитаҳои дӯстии ду ҷумҳуриро боз ҳам мустаҳкам мекунанд.

Қарибии шом бо беҳтарин хотираҳо, дил саршори меҳру сафо аз пазироии бародаронаи ҳамкасбони тоҷикистониамон таҳти роҳбарии Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Зинатулло Исмоилзода аз гузаргоҳи “Ҷартеппа” ба қаламрави Ўзбекистон – Самарқанди куҳанбунёд гузаштем. Дар қалби мо, кулли мардуми дӯстнавозу ташнаи робитаҳои бародаронаи ду кишвари дӯсту ҳамсоя як орзу маъво дорад: Болои он пойдевори дӯстиву рафоқат, ки Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо умеду нияти нек гузоштаанд, бунёд намудани қасри мустаҳкаму бегазанди дӯстӣ мебошад.

**Шерпӯлод ВАКИЛОВ.**

## ХАБАРҲО

### Режими тести фаъолияти китобхонаи миллӣ

***Аз 1 ноябри соли 2022 Китобхонаи миллии Ўзбекистон таҳти режими тести 24/7 фаъолият мебарад. Дар ин хусус Агентии кор бо ҷавонон маълум намудааст.***

Чанде пеш ба номи роҳбари агентӣ Алишер Саъдуллоев аз номи яке аз истифодакунандагони сохтор дар ин хусус таклиф афтода ва раис қобили қабул будани ин таклифро баён карда буд. То ҳол Китобхонаи миллӣ ба номи Алишер Навоӣ рӯзҳои душанбе–ҷумъа аз 9-и субҳ то соатии 20, рӯзҳои шанбеву якшанбе аз соати 9:00 то 17:00 кор мекард. Акнун он дар давоми шабонарӯз бетанаффус кор мекунад.

### Шартнома доири ҳифзи мероси фарҳангӣ

***Байни Ўзбекистон ва ИМА доир ба ҳифзи бойигарии фарҳангӣ шартнома ба имзо расид.***

Директори Маркази мероси фарҳангии ИМА Эрик Каталфамо таъкид кард, мо аз шиносоӣ бо мероси фарҳангии Ўзбекистон мамнунем, гувоҳ гардидем, ки барои муҳофизати он ҳукумати шумо саъю ҳаракати зиёд ба харҷ медиҳад.

То имрӯз ИМА бо 25 давлат оиди мулки фарҳангӣ шартнома бастааст. Ҳаминро низ бояд хотирнишон сохт, ИМА то кунун тавассути маблағҳои Бунёди ҳифзи мероси фарҳангӣ барои ҳифзи мероси фарҳангии Ўзбекистон наздик 900 ҳазор доллар ҷудо намуда буд. Он маблағ барои таъмири музей-мамнуъгоҳи давлатии Арки Бухоро, осорхонаи Афросиёби Самарқанд ва ҳоказо истифода шудаанд.

### Мукофоти ба номи Чингиз Айтматов ба филолог

***Ректори Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ӯзбек ба номи Алишер Навоӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Шуҳрат Сироҷиддинов барои саҳмаш дар мустаҳкамсозии риштаҳои фарҳангии қирғизу ӯзбек ва рушди робитаҳои маънавӣ миёни давлатҳо бо Мукофоти ба номи Чингиз Айтматов тақдир шуд.***

Ин мукофот соли 2012 бо таклифи Жогорку Кенеши Қирғизистон таъсис ёфта ва ҳар сол ба онҳое,ки дар равнақи соҳаҳои маданият, маърифат,омӯзиши мероси фарҳангӣ ва дӯстии халқҳо хидмати шоён кардаанд, супурда мешавад.

Матншинос, диншинос, мутахассиси соҳаи назарияи тарҷума ва як қатор риштаҳои дигари илми адабиётшиносӣ Ш.Сироҷиддинов муаллифи бештар аз 160 мақолаи илмӣ, 16 монография ва дастуруламалҳои таълимист, ки хусусан ҷоннокшавии фаъолияти пажӯҳишиаш солҳои охир бештар эҳсос мегардад.

Мукофотро ба вай роҳбари намояндагии Қирғизистон Нурланбек Шакиев дар доираи ҷамъомади Шӯрои Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ дар Тошканд супурд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**

***Ба муносибати сисолагии ташкил ёфтани Донишкадаи политехникии Ҷиззах анҷумани илмӣ-техникӣ таҳти унвони «Роҳҳои ҳалли инноватсионии мушкилоти марбут ба техника, муҳандисӣ ва технологияи истеҳсолот» баргузор гардид.***

# АНҶУМАНИ ИЛМӢ-ТЕХНИКӢ

Дар анҷуман қариб аз чил муассисаи таълими олии мамлакатҳои хориҷӣ намояндагон бо мақолаҳои илмии худ ширкат ҷустанд.

Дар оғози он ректори Донишкада, доктори илмҳои физика Алишер Усмонқулов иштирокчиёнро бо сисолагии таъсисёбии донишкадаи мазкур табрик гуфт. Сипас дотсенти Институти мушкилоти об, гидротехника ва экологияи Академияи миллии улуми Тоҷикистон Суҳбатҷон Баҳриев, намояндаи Мактаби олии Vosational institute of Transport Technology-и Чин Чианг Жун, профессори Донишгоҳи ба номи Мухтор Авезови Қазоқистони Ҷанубӣ Бердияр Калимбетов, дотсенти Донишгоҳи давлатии сохтмони Маскав Марат Кужин ва якчанд нафари дигар ба сухан баромада, ҳозиринро бо диди илмии хеш шинос намуданд, ғоя ва таклифоти нав пешниҳод карданд.

Анҷумани бо баррасии паҳлӯҳои гуногуни масъалаҳои марбут ба истеҳсолот аҳамият пайдо кард ва боиси мубодилаи афкори олимону профессорон гардид.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ҲАФТАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТУРИЗМ ДАР САМАРҚАНД БАРПО ШУД

(Аввалаш дар саҳ.1).

«Ҳафтаи байналмилалии туризми зиёратӣ» 1–3 ноябр тибқи қарори сарвари давлат аз 30 апрели соли 2022 “Дар бораи чораву тадбирҳои иловагии диверсификатсияи хизматҳои туризми дохилӣ” ва қарори Девони Вазирон аз 20 майи соли 2022 “Дар бораи чораҳои иловагии ташкил ва баргузор намудани ҳафтаи байналмилалии туризми зиёратӣ” роҳандозӣ шудааст.

– Ҳадафи асосӣ аз баргузор намудани ин чорабинии васеъмиқёс аз чанд омил иборат аст. Аз ҷумла, ба амал баровардани салоҳияти туризми зиёратӣ, муаррифии Ўзбекистон ба сифати маркази муҳими тамаддуни ҷаҳонӣ, мавриди эътирофи ҷомеаи байналмилалӣ ва созмонҳои байналмилалӣ қарор гирифтани он, инчунин хадамоти туризми зиёратиро диверсификатсия кардан ва содироти туризмро афзоиш додан аз зумраи ҳамин омилҳо маҳсуб меёбанд, – изҳор намуд Темур Мирзоев.

Дар нишасти матбуотӣ аз он ёдоварӣ шуд, ки собиқ раиси Ҷумҳурии Индонезия Сукарно ба ҳайси нахустин шахсияти давлати хориҷӣ оромгоҳи Имом Бухорӣ, воқеъ дар наздикии шаҳри Самарқандро зиёрат кардааст. Набераи ӯ раиси Парлумони Индонезия дар эҳёи маҷмааи Имом Бухорӣ саҳми калон гирифтааст. Ин маънӣ дар намоишгоҳи «Trisakti Tourism Award» ва намоишгоҳи маҳсулот ва хидматрасонии «Halal Trip» дар шаҳри Ҷакартаи Индонезия, ки 27–30 июни соли ҷорӣ баргузор шудааст, низ таъкид гардидааст.

Ба гуфтаи ноиби ҳокими вилояти Самарқанд, сардори садорати туризм ва мероси фарҳангӣ Рустам Қобилов масъалаи кушодадилӣ дар дини мубини ислом мавқеи хосро ишғол менамояд. Солҳои охир Ўзбекистон барои мардуми дунё яке аз кишварҳои боамну субот ва дорои салоҳияти зиёди туристӣ муаррифӣ шудааст.

Дар ҷумҳурӣ барои роҳандозии туризми ҷавонон низ корҳои зиёд анҷом дода мешавад.

– Яке аз чунин чорабиниҳо дар вилояти Қашқадарё ба вуқӯъ пайваст. Он ҷо қурултойи туризми ҷавонон баргузор гардид. Ҳадаф аз роҳандозии он маҳз тарғибу ташвиқи салоҳияти туристии мамлакат дар байни ҷавонон буд, ки хеле муваффақона анҷом пазируфт, – гуфт Темур Мирзоев.

Роҳандозии форуми байналмилалӣ дар маркази Имом Бухорӣ таҳти унвони “Осиёи Марказӣ–гаҳвораи санъати исломӣ”, ки санъати наққошӣ, рассомӣ, кандакорӣ, меъморӣ ва амсоли онро мадди назар дорад, инчунин баргузории фестивали “Оҳангҳои дил” дар чаҳорчӯби “Ҳафтаи байналмилалии туризми зиёратӣ” аз чорабиниҳое мебошанд, ки шукӯҳи онро боло хоҳанд бурд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**
*Шаҳри САМАРҚАНД.*

Раҳовард

# БОЗДИД АЗ ШАҲРИ КУҲАН ВА ҲАМЕШАҶАВОН

***Самарқанд сайқали рӯйи замин аст,***
***Ҳавояш фораму хокаш маҳин аст.***
***Агар хоҳӣ бубинӣ ту биҳиште,***
***Ҳамин асту ҳамин асту ҳамин аст.***
***Ғазал гарчӣ арӯси шеър, аммо,***
***Самарқанд аз ғазал ҳам нозанин аст...***



Аз қадимулайём Самарқанд яке аз марказҳои асосӣ ва муҳимтарини тамаддуни Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Аксар воқеаҳои иҷтимоию сиёсӣ, таърихӣ, илмию адабӣ ва фарҳангии форс-тоҷик бо ин шаҳри тоҷикнишин алоқаи ногусастанӣ дорад. Барои дидани ин шаҳри бостонӣ сафи хориҷиён сол аз сол зиёд мегардад.

Бо ташаббуси Кумитаи муносибатҳои байнимиллӣ ва робитаҳои дӯстӣ бо кишварҳои хориҷии назди Девони Вазирон ва ҳамкории ҳокимияти вилояти Самарқанд сафари матбуотии навбатӣ ба шаҳри куҳан ва ҳамешаҷавони Самарқанд буд.

Субҳи содиқ мо – як гурӯҳ журналистон, ходимони ВАО, блогерҳо аз Тошканд роҳи Самарқандро пеш гирифтем. Ҳамон рӯз ҳаво абрнок ва симсим борон меборид. Вале баробари по ба остонаи шаҳр гузоштан абрҳо пароканда шуда, офтоби оламафрӯз нурпошӣ намуд, гӯё хуршед низ моро дар хоки аҷдоди донишманду маърифатпарвар хайрамақдам мегуфт.



Кӯчаҳои равону васеъ, хиёбону гулгаштҳо, биноҳои замонавии серошёна ба ҳусни шаҳр афзудаанд. Барномаи давлатии "Макони сабз" дар ин шаҳри зебо дар амал буд.

### Боздид аз "Хонаи дӯстӣ"

Моро дар назди бинои "Хонаи дӯстӣ" роҳбарият ва намояндагони марказҳои милливу мадании шаҳри Самарқанд, шоиру нависандагон, журналистони собиқадор, донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Самарқанд пешвоз гирифтанд. "Хонаи дӯстӣ"-и шинаму бошукӯҳ аз толору хонаҳои васеъ иборат буда, барои ҳар як маркази милливу фарҳангии халқҳои сокини шаҳри Самарқанд хонаҳои алоҳидаи бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз ҷудо карда шудаанд. Бо раисон ва намояндагони марказҳои милливу мадании тоҷик, рус, озарбойҷон, немис, тотор, араб, турк, корейс дар алоҳидагӣ суҳбат намудем. Хона-музейи "Онҳо фаромӯш намешаванд", ки бинанда аз ҳар як экспонати он ҷасорат, мардонагӣ, ҷонбозиҳои миллатҳои мухталифи Ӯзбекистонро дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ эҳсос менамояд, ба мо таассуроти калон гузошт.

– Дар "Хонаи дӯстӣ" барои баргузории ҷашнвораву маросимҳои миллатҳо, намоиши либос, хӯрокворӣ, ҳунармандии миллӣ шароит муҳайё карда шудааст. Албатта, ҳамаи ин таҳти ғамхории роҳбари давлат амалӣ мегардад, – гуфт ҳангоми суҳбат раиси Маркази милливу фарҳангии тоҷикон ва тоҷикзабонони вилояти Самарқанд Акбар Маҳмудов.

### "Наврӯзи Аҷам" – васлгари халқҳо

Сипас дар "Хонаи дӯстӣ" тақдимоти китоби тозанашри "Наврӯзи Аҷам" баргузор шуд. Дар ин китоб гирдоварандагон Нормурод Каримзода ва Акбар Маҳмудов шеърҳои дар васфи наврӯзу баҳор эҷодшудаи эҷодкоронро бо ду забон – тоҷикиву ӯзбекӣ ҷамъ овардаанд. Китоб дар хонаи табъу нашри "Маҳорат" рӯйи чопро дидааст. Дар тақдимот роҳбари шуъбаи вилоятии Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Т.Тугалов, муҳаррири китоб А.Исмоилзода, Н. Каримзода, С. Нарзуллоева, А. Маҳмудов ва чанд нафар донишҷӯёни ДДС доир ба китоб ҳарф зада, аз шеърҳои он намунаҳо оварданд. Шеърро донишҷӯёни факултаи филологияи тоҷики ДДС Маърифат Муродуллоева, Сафина Сироҷова, Фариштамоҳ Раҳмонқулова, Мавзуна Муҳаммедова ифоданоку таъсирбахш қироат карданд.

– Мо хуб медонем, ки расму оинҳои аҷдоди мо аз қабили Сада, Меҳргон, Наврӯз решаҳои амиқи таърихӣ дошта, дар бораи пайдоиш ва густариши онҳо таърихнигорон Димишқӣ, Муҳаммади Наршахӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Авфии Бухороӣ ва дигарон асарҳои ҷолиби диққат навиштаанд,– гуфт дар баромади худ адабиётшинос А. Қамарзода. – Маркази милливу фарҳангии тоҷикон ва тоҷикзабонони вилояти Самарқанд ба кори хайре даст задааст, ки дар тарғибу ташвиқи арзишҳои милливу умумибашарӣ, аз ҷумла, наврӯзшиносиву наврӯзсароӣ фаъолияти доманфарохро густариш бахшад. Нашри ин маҷмӯи пурмуҳтаво ба забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ барги сабзест аз чунин такопӯҳои судманд.

Маълум аст, ки ҳар як макону мавзеъ хӯрокҳои миллии ба худ хос дорад. Баъд аз тановули нон ва оши палави самарқандӣ барои зиёрати майдони Регистон роҳ пеш гирифтем.

### Нигоҳе ба таърихи шаҳр

Аз таърих медонем, ки дар охири асри VI Самарқандро Хоқони турк ва баъдан арабҳо истило карданд. Мардуми шаҳрро лозим омад, ки ба муқобили аҷнабиён муқобилияти сахт нишон диҳанд. Яке аз ин шӯришҳои халқӣ дар таърих бо номи "Исёни Муқаннаъ" машҳур аст. Бозёфтҳои бостоншиносӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳанӯз дар аҳди Кушониён Самарқанд шаҳри обод ва рушдёфта будааст: осори биноҳои бошукӯҳ, устохонаҳои ҳунармандӣ, ҳайкалчаҳои гилин, зарфу порчаҳои сафолин бо навиштаҷоти суғдӣ инкишофи ҳунармандӣ ва мадании шаҳрро дар он замон тасдиқ мекунанд.

Дар замони салтанати сулолаи Сомониён Самарқанд ба шаҳри тараққикарда, ободу зебо ва нашъунамоёфта табдил ёфт. Дар ин давра ҳунармандӣ, косибӣ, обчакорӣ, зироати полизӣ, тиҷорат, хусусан бофандагӣ тараққӣ кард. Дар Самарқанд ҳамчунин коғаз ва шиша истеҳсол мешуд, ки дар кишварҳои дуру наздик шуҳрат доштанд. Инчунин, ҳунармандони Самарқанд рикоб, лаҷом, тасма, деги мис истеҳсол мекарданд. Аз ин лиҳоз ба бозорҳои кишварҳои Шарқу Ғарб савдогарон матоъи симгун, парча, газворҳои сурх, шоҳӣ, хайма, чормағзу мавиз мебурданд. Инкишофи ҳунармандӣ ба рушди илму фарҳанг, адабиёт, забони форсӣ (дарӣ) мусоидат кард. Илмҳои ҳисоб, нуҷум, ҷуғрофия, кимиё, тиб, таъриху фалсафа ва нақди шеър инкишоф ёфтанд. Инчунин, дар Самарқанду Бухоро ҳунари шаҳрсозӣ, меъморӣ ва санъати ороишӣ рушд кард. Кӯшку қаср, корвонсарой, бозор, масҷидҳои ҷомеъ, боғҳо бунёд гардиданд. Кандакории сутуни сақфи биноҳо, гаҷкорӣ, ороиши зарфҳои сафолӣ ва филизӣ бо маҳорат ва ҳунармандона сохта шудаанд. Дар замони ҳукмронии сомониён дар Самарқанд санъати мусиқӣ низ равнақ пайдо кард. Силсилаи оҳангу тарона ва сурудҳое эҷод шуданд, ки минбаъд бо номи "Дувоздаҳмақом"-у "Шашмақом" шуҳрат ёфтанд. Шоиру мутафаккирон ва табибони оламшумул тарбия ёфта, ба воя расиданд. Аввалин шоироне, ки дар Самарқанд ба забони дарӣ шеър гуфтаанд, Абӯҳафси Суғдии Самарқандӣ, Аббос ибни Тархони Самарқандӣ мебошанд.

Сипаҳсолори шеъри аҷам Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз Панҷрӯди Панҷакент омада, дар Самарқанд тарбия дида, ба камол расидааст.

Аз асри XI қабилаҳои бодиянишин яке аз паси дигаре ба Самарқанд фурӯ рехтанд. Равнақи илму адаб ба дараҷае коста шуд. Бо вуҷуди ин, намояндагони аҳли илму адаб аз қабили Рашидии Самарқандӣ, Сӯзании Самарқандӣ, Шатранҷии Самарқандӣ, Заҳирии Самарқандӣ ва дигарон анъанаҳои илму фарҳанги адаби Сомониёнро идома дода, аз худ дар соҳаҳои мухталиф мероси пурарзише боқӣ гузоштанд...

Таърихнигор Б. Ғафуров дар асари машҳури "Тоҷикон" оид ба ҷангҳои шадиди мардуми шаҳр, қаҳрамонию ҷонфидоии онҳо сухан ронда, аз ҷумла навиштааст: "Пас аз афтодани истеҳкомоти қалъаи Самарқанд ҳазорон диловарон ба масҷиди ҷомеъ паноҳ бурда, душманро ба наздик шудан намонданд. Муғулҳо бо роҳе масҷидро оташ заданд. Вале мудофиакунандагон аз ин наҳаросида, дар ҷойи худ нишастанд ва сӯхта мурданро аз таслим шудан ба душман волотар донистанд..."

### Дар «Шаҳраки ҷовид"

Баъди тамошои майдони Регистон, мадрасаҳои Шердор, Тиллокорӣ ва Мирзо Улуғбек сафари худро ба мавзеи навбунёд – шаҳраки «Шаҳраки ҷовид» идома додем. Ин шаҳраки навбунёд бо усули меъмории қадимӣ тарҳрезӣ шудааст. Ҳангоми гашту гузор кас худро дар кӯчаҳои тангу тор, бозори серодам, ки аз растаҳои меваву сабзавот, маҳсулоти нонӣ, ҳунармандӣ, газворфурӯшӣ, чойхонаву ошхона, катҳои бо кӯрпаву болиштҳои миллӣ густурдашуда иборат буд, эҳсос менамояд.

Дар атрофи ин шаҳрак корҳои бунёдкорӣ идома дошт. Дар ҳамин ҷо сафари матбуотии ходимони ВАО аз Самарқанд хотима ёфт.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**

Ба ҷойи табрик

# АЗ «ТУЛӮИ ХАНДАРЕЗ» ТО «ДЕВОН»-И ҒАЗАЛИЁТ



***Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҷоизаи ҷавонони Тоҷикистон ва ба номи Мирзо Турсунзода, дорандаи ордени «Шараф» — Фарзонаи Хуҷандӣ 3-юми ноябри соли 1964 дар шаҳри Хуҷанди бостонию бӯс-тонӣ дида ба дунё кушудааст.***

***Маҷмӯаи нахустини ашъораш — «Тулӯи хандарез» (1987) бо пешгуфтори устоди бузурги шеъри муосири форсӣ Лоиқ Шералӣ рӯйи чопро дида буд.***

***«Шабохуни барқ», «Ояти ишқ», «Паёми ниёкон» (чопи Эрон), «То бекаронаҳо», «Меъроҷи шабнам», «Булбуле дар қафаси синаи ман», «Мӯҳри гули мино», «Гузидаи ашъор» (чопи Белорусия), «Парниёни ҷон», «Набзи борон» (чопи Теҳрон), «Ҳама гул, ҳама тарона» дафтарҳои шеърии навбатии ӯянд, ки дар солҳои гуногун ба дасти чоп расидаанд.***

***Дар нашриёти «Советский писатель» (Маскав) гулчини ашъораш бо номи «Двадцать лепестков» («Бист барги сабз») ба табъ расидааст. Ҳамчунин, силсилашеърҳояш дар ИМА, Англия, Олмон, Фаронса, Миср, Арабистони Саудӣ ба дасти нашр расидаанд.***

***Соли 2014 дар ҳаёти адабӣ ва шоираи рангинхаёл ҳодисаи масарратбахше рух дод: девони ғазалиёти ӯ бо ороиши пероиши назаррабо ба дасти алоқамандони каломи бадеъ расид. Дар пешгуфтори ин девони гаронбаҳо, ки 500 ғазали мондагори шоираро дар бар мегирад, омадааст: «Соҳибдевон будан дар гузашта баҳои баландтарин маҳсуб мешуд ва барои таъкиди мақоми суханвар ҳамин қадар кофӣ буд, бигӯянд, ки «Фулонӣ аз шуарои соҳибдевон аст». Ҳоло мо гуфта метавонем, ки Фарзонаи Хуҷандӣ «Аз шуарои соҳибдевон аст» ва ин девони пурбор ғазалҳоеро дар бар мегирад, ки ба хотири вазну қофия гуфта нашудаанд, дар онҳо назари шоиронаю орифона, обуранги тозаи бадеӣ, дард ва шеваи хоси баён ҳаст.***

***Маликаи шеъри муосири тоҷик имрӯзҳо зодрӯз дорад. Ба ин муносибат ду ғазали дилангези ӯро ба мухлисонаш ва алоқамандони каломи бадеъ, ки дар кишвари мо низ кам нестанд, пешкаш менамоем.***

***Бахши адабиёт ва ҳунари «Овози тоҷик».***

### *Фарзонаи ХУҶАНДӢ*

*Шаст занам бар офтоб, нур шикор мекунам,*
*Бегила мезиям дигар, шукри баҳор мекунам,*
*Чист давоми буданам, бохтану рабуданам,*
*Кам шудану фузуданам, тарки шумор мекунам,*
*Чун қади пири кӯзпушт хам зада бому дар маро,*
*Чанди дигар ба каҳкашон гаштугузор мекунам.*
*Бо ҳама айб агар ҳанӯз бар ҳасади ту лоиқам,*
*Даст бидеҳ, рақиби ман, бо ту канор мекунам.*
*Ишқ, наё, наё, наё, ишқ нарав, нарав, нарав,*
*Бо ту чӣ кор мекунам, бе ту чӣ кор мекунам?*
*Панҷараи мижа кушо, атсаи ёсуман шунав,*
*Мераваму нафас-нафас субҳ нисор мекунам.*
*Эй ту таваллуду завол в-эй ту таназзулу камол,*
*Сӯйи ту роҳ мебарам в-аз ту фирор мекунам.*

***

*Зиҳӣ, эй насими улвӣ, ба нафас бидеҳ вузӯям,*
*Хате аз ғубор дорад вароқи заҳири рӯям.*
*Ту зи соли ман чӣ пурсӣ, ки дар ин қаламрави вақт*
*Ба тулӯъ чун ғурубам, ба ғуруб чун тулӯям.*
*Надиҳам ба лаб иҷозат сухани нашустаеро,*
*Нашавад, ки ишқ ранҷад, ман агар ҷуз ӯ бигӯям.*
*Чу ба чашми оҳувона шудам инъикоси Маҷнун,*
*Хати сабзи туст, ҷоно, хати сабзи ҷустуҷӯям.*
*Ту бигӯиям, ки ҳайфо, сари гесувон буридӣ,*
*Назари тамаъ надорад ба саре каманди мӯям.*
*Ба умед маҳмили ман раҳи ношинос пӯяд,*
*Ту киӣ, ай интизорам, ту киӣ, ай орзуям.*
*Ба азизи худ расидам ба тариқи марямона,*
*Ту биё ба шодбошам: дигар ин мане, ки ӯям.*

# КИТОБ ДОРОИ ҚУВВАИ ЗИЁД АСТ

***Дар китобхонаи миллии Ӯзбекистон маросими кушодашавии «Ҳафтаи XI ахбору китобхона INFOLIB-2022» баргузор шуд. Дар мамлакатамон пас аз ба имзо расидани қарору фармонҳои роҳбари давлат дар бораи китоб ва мутолиаи он муносибат ба китоб ва китобхонӣ тамоман тағйир ёфт.***

Бешубҳа, чунин ҳолат шахсеро, ки баояндаи мамлакату ҷамъият боэътибор аст, хушҳол мегардонад. Чунки аксарият ҳоло дарк намудаанд, ки рушду нумӯъи кишвар, гузашта аз ин,ояндаи модар-заминро аз табаддулотҳои сиёсие, ки имрӯз моро ба ташвиш гузоштааст, танҳо маърифатнокӣ раҳо медиҳад.

Мақсад аз баргузор намудани форуми китобхонон васеъ гардондани сафи китобхонони ҷавон, шиносоӣ бо нашри китобҳои нав ва дастоварду навовариҳои соҳа мебошад.

– Ҳар вақте ки ба ин китобхона меоям, бисёр будани китобхононро дида, шод мегардам, ки дар байни онҳо аз мактабхонон то куҳансолони пурдида низ ҳастанд, – гуфт ректори Донишкадаи давлатии санъат ва маданияти Ӯзбекистон Иброҳим Йӯлдошев. – Гузаштагони мо ба китоб ва китобдорон эҳтироми зиёд доштанд. Масалан, яке аз темуриён, асосгузори илми нуҷум Мирзо Улуғбекро вақте маҷбур кардаанд, ки тарки Ватан кунад, ӯ бо худ фақат китобҳояшро гирифтаасту халос...

Фикр мекунам, ки агар инсон чӣ қадар сермутолиа бошад, болои худ бештар кор кунад, то ҳамон андоза ба камолот мерасад. Китобдорӣ касби пуршараф аст, чунки ӯ тарғибгари илму маърифат мебошад. Шояд аз ин сабаб бошад, довталабон бештар факултаи фаъолияти китобхонаву ахбори донишкадаи моро интихоб мекунанд.

Роҳбари Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ Минҳоҷиддин Ҳоҷиматов аз эҷодиёти эшон – шеъре бо номи «Модарон китоб хонед»-ро қироат кард ва ба маънои шеър тақвият бахшида гуфт, ки ҳоло замон аз ҳар як модар китобхониро тақозо менамояд. Ӯ бо маърифатдӯстии худ барои фарзандон намунаи ибрат гардад. Модар хоҳ хонанишин бошад, хоҳ соҳиби мартабаи баланд, бояд илмдӯст бошад. Танҳо зани соҳибмаърифат аз ӯҳдаи тарбияи фарзандони оқилу донову тавоно мебарояд. Китоб дорои қувваи зиёд мебошад. Ӯ метавонад тақдири инсон,ояндаи ҷамъиятро тағйир диҳад...

Аз тарафи кормандони китобхона барномаи ҳафтаина пурра коркард шудааст, ки ҳар як рӯзу дақиқаҳои он самарабахш тақсим шудааст. Рӯзи аввалин рӯзи вохӯриҳо, рӯзи дуюм, рӯзи маҳорати касбӣ, рӯзи сеюм рӯзи илму фан, баъд рӯзи китобхонон, ҳамоҳангии таърих, маданият ва санъат номбар шудааст.

Меҳмонон ва китобхонон дар давоми ҳафта дар вохӯриҳо бо шоиру нависандагон, бо муаррифии китобҳои тозанашр, семинар-тренинг ва дарсҳои маҳорат, суҳбатҳои мизи мудаввар, озмун ва бозиҳои интеллектуалӣ иштирок менамоянд.

Ғайр аз ин, намоишҳои саҳнавии «Бо садоқат...», «Чиполлино» ва шаби ёдбуди шоири шаҳидгардида Усмон Носир ва спектакл бо номи ӯ ба намоиш гузошта мешавад.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



# САҲМИ ҶАВОНОН БА ЛОИҲАИ «МАКОНИ САБЗ»

***Бинобар лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз», ки бо ташаббуси Президенти мамлакат таҳия гаштааст, дар шаҳри Бухоро низ ҷараёни ниҳолшинонӣ бо назардошти иқлими ҳудуд торафт вусъат меёбад.***

Дар тамоми маҳаллаҳо, гирду атрофи роҳҳо, ҳавлии корхонаю ташкилот, муассисаҳо дар доираи «Чил рӯзи зарбдор» маъракаи ниҳолшинонӣ муташаккилона гузаронида мешавад. Ҷавонон дар ин бобат фаъоланд. 27 октябр бо ташаббуси шӯъбаи шаҳрии Агентии корҳои ҷавонон боғи Маркази мадании «Бухорои кӯҳна ва ҳамеша боқӣ» аксияи ниҳолшинонӣ сурат гирифт. Дар ин тадбир масъулони ҳокимияти шаҳри Бухоро, ҷавонони фаъол ва шӯъбаи шаҳрии агентӣ иштирок карданд. Дар доираи аксия онҳо зиёда аз 300 беҳ ниҳоли манзаравӣ шинонданд. Мақсад сабзу хуррамгардонии табиати гирду атроф, ҳифзи тозагии обу ҳаво ва мӯътадилии иқлим, саҳмгузорӣ ба афзоиши маҳсулоти боғу чорбоғ аст.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти БУХОРО.*

Хабарҳо аз Сурхондарё

### ФЕСТИВАЛИ БАХШИЁНА

***Маълум, ки дар вилояти Сурхондарё санъати бахшигӣ хелеривоҷ ёфтааст. Соли 2019 дар шаҳри Тирмиз аввалин Фестивали байналхалқии бахшӣ ва соли 2021 дар шаҳри Нукус дувумин Фестивали байналхалқии бахшӣ бо шукӯҳ гузаронида шуда буд. 27-29 октябр бошад, чунин ҷашнвора дар Қасри санъати Тирмизшаҳр бо иштироки бахшиёни мамлакат бо тантана гузаронида шуд.***

Дар фестивал санъаткорони соҳа ҳунари беҳамтои худро намоиш доданд. Аз ҳисоби ҷамоа бахшиёни Қароқалпоқистон ҷойи олиро сазовор шуданд. Ҷойи якум ба ҷамоаи вилояти Сурхондарё, ҷойи дувум Хоразм ва ҷойи сеюм ба ҷамоаи Қашқадарё муносиб дониста шуд. Дар мусобиқаи бахшиёни яккахон ҷойҳои якум ба Азамат Элмуродов (Қароқалпоқистон), Зиёдулло Аҳмадов (Қашқадарё) ва Равшан Маматмуродов (Сурхондарё), ҷойи дувум ба Расулбек Абдураҳмонов (шаҳри Тошканд), Зулхумор Шерназарова (Сурхондарё), Сафаргул Баширова (Қароқалпоқистон) ва ҷойи сеюм ба Ҳимоят Сариев (Хоразм), Муҳаммадӣ Даминов (Қашқадарё), Улдавлат Сарсенбаева (Қароқалпоқистон) ва Ҳамза Холбоев (Сурхондарё) сазовор гардиданд. Ғолибони ҷашнвора бо диплом ва мукофотҳои пулӣ рағбатнок гардиданд.

### БУНЁДИ ТОЛОРИ ВАРЗИШӢ

***Аз ҳисоби маблағи берун аз буҷаи Вазорати корҳои дохилӣ дар Саридораи корҳои дохилии вилояти Сурхондарё маҷмӯи пӯшидаи варзишӣ сохта, ба истифода дода шуд.***

Дар ин толори нави варзишӣ 6 миллиарду 817 миллион сӯм маблағ сарф шуд ва он дорои ҳама гуна шароит буда, замонавӣ ҷиҳозонида шудааст. Толорҳои тренажёрӣ, минифутбол, баскетбол – ҳама пӯшида буда, барои гузаронидани машғулоти варзишии ходимони соҳа хеле мусоид аст. Инчунин, барои 100 нафар ҷойи тамошо ҳам мавҷуд. Дар хонаҳое, ки амалиёти тирпаронӣ, тавсиядеҳӣ ва дарс гузаронида мешавад, низ ҳама гуна шароит фароҳам оварда шудааст.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**мухбири "Овози тоҷик"**
**дар вилояти Сурхондарё.**

# ХОТИРОТ ДАР БОРАИ УСТОД АЙНӢ

***Маълум, ки устод Айнӣ (чун дигар аҳли қалами он давр) аввалин асарҳои худро бо алифбои арабиасоси тоҷикӣ (аз ҷумла “Одина”-ро) навиштааст. Соли 1929 ислоҳоти алифбо рӯйи кор омад ва то соли 1939 алифбои лотиниасоси тоҷикӣ амал намуд. “Мактаби кӯҳна”, “Дохунда” ва баъзе асарҳои дигари устод бо лотинӣ нашр шуданд. Аз 1 июни соли 1940 матбуоти даврӣ ба кирил гузашт ва оиди то 1 сентябри соли 1941 ба алифбои нави тоҷикӣ (кирил) гузаштани ҳамаи корҳои марбут аз алифбои лотинӣ қарор ба имзо расид.***

Устод Айнӣ, вақте ба бознашри асарҳояш зарурат пайдо гашт, лозим донист аз “мошиннавис” истифода ва ба ин кор чопкунандаҳои бомаҳоратро ҷалб созад, ки бо кирил зуду бехато менависанд. Дар ибтидои солҳои панҷоҳум яке аз дӯстонаш Темур Маъруфӣ Қурбоной ном духтареро тавсия намуд, ки аслан самарқандӣ буда, бинобар тақозои шароити оилавӣ муддате дар Сурхондарё зистааст, баъди бозгашт ба зодгоҳ дар рӯзномаи вилоятии “Ленин йўли” ба сифати мусаҳҳеҳ адои вазифа намудааст.

Қурбоной чаҳор сол ба ҳавлии устод дар Самарқанд равуо кард, ҳамчун мошиннависи доимӣ дар рӯйбардорсозии асарҳояш кумак намуд, бо Айнӣ ва аҳли хонадони ӯ ҳамнамак шуд ва риштаҳои меҳру оқибатро бо онҳо мустаҳкам намуд.

Ба наздикӣ Хонаи табъу нашри “Маҳорат”-и Самарқанд китобчаеро бо унвони “Шуълаи ҷовидон” аз чоп баровард. Муаллиф ҳамон чопгар – Қурбоной Убайдуллоева, ки чаҳор сол “узви хонадони устод” буду “камоли ҳамнишин бар вай асар кард” – мусаҳҳеҳи оддӣ то дараҷаи нависандагӣ расид, китобҳо (“Қадри муҳаббат”, “Асрори суруд”) баровард, ба узвияти иттифоқҳои нависандагон ва журналистони Ӯзбекистон пазируфта шуд.

Солҳои 90-ум муқаддам ёддоштҳои Қ. Убайдуллоева “Шуълаи ҷовидон” дар маҷаллаи «Шарқ юлдузи» рӯйи чоп дида буд. Сармуҳаррири онвақтаи “Ҳақиқати Ӯзбекистон” (“Овози тоҷик”) Шавкат Ниёзов (равонаш шод бод) аз шоир Паймон хоҳиш намуд ин маводи ҷолиб марбут ба фаъолияти устодро ба тоҷикӣ баргардонад. Ин амал иҷро ва хотираҳо дар рӯзномаи мо ба чоп расиданд. Аз байн солҳо гузаштанд ва дар ин рӯзҳо имконият даст дод ёддоштҳои Убайдуллоева оиди шахсияту фаъолияти эҷодии Айнӣ (устод ӯро дар қатори духтаронаш Холида ва Лутфия мешумурд) дар ҳолати китоб ба дасти хонандагон расад.

Инак,он китоб, ки аз саҳифаҳои аввал диққати хонандаро ба худ мекашад, ҳоло дар дасти мо. Муаллиф лаҳзаҳои ҳаяҷономези бори аввал ба ҳавлии устод, ба дарвозаи сурхранги ӯ наздик шудан, аввал ба чаҳор сӯ назар давонда аз дари кушода оҳиста ба дарун назар афканданашро шевою зебо ба қалам медиҳад. Мехонем ва ҳавлии кӯчаки пур аз гулро тасаввур мекунем, дар пешорӯйи хонаҳои тарафи рост суфаи аз хишт бардошташуда, атрофи суфа ва гирдогирди саҳни ҳавлӣ аз гулҳои рангоранг, райҳонзори каб-кабуду сабзаҳои мухталиф манзараи аҷибе кашф кардааст...

Воқеан аз дилкашиву оростагии ҳавлии устод дигар ҳамзамонҳояш низ, ки ба он даргоҳ зуд-зуд қадам ранҷа мекарданд, нақлҳои ҷолиб намудаанд.

Баъд муаллиф ба тасвири “портрет”-и устод ва ба чӣ коре машғул будани ӯ мегузарад: “Мӯйсафеди бардаме, ки дар бар аз болои шиму кители нилобӣ ҷомаи симобии пахтагин,дар по маҳсии оҳораш рафта, дар сар тоқии аз бахмали сабз дӯхташуда дошт, дар ҳавои мусиқии ҳазине, ки аз радио садо медод, сар афшонда ба гулҳо аз кӯзачаи мисин об мерехт. Вай миёнақад, васеъпешонӣ ва серҳаракат буд”.

Устод мошиннависи дӯсташ пешниҳодкардаро самимона қабул ва ҷонибини ҳамсараш, ки дар ҳавлии дарун буд, садо намуд: “Холааш,бароед!..”

Тавре муаллиф нақл мекунад, аз ҳавлии дарун зани хушсурати миёнақад, сергӯшт ва тақрибан панҷоҳсола баромада, бо меҳмон, гӯё ба дидори духтараш расида бошад, ширин-ширин пурсупос намуд ва ба дарун даъват кард.

Одатан аз вохӯрӣ ба шахсияти маъруф касро ҳарос фаро мегирад. Дигаргуна инсон тасаввур мекунад ӯро. Ба Қурбоной низ ин ҳолат шуд. Вале асное устод нигоҳи меҳромез дӯхт, аз таҳсил, омодагиаш ба имтиҳонот, аҳволи падару модараш пурсид, духтарак худро андак далер ҳис кард. Муаллиф навиштааст: “Дар як дам хаёлҳои пешинаам дар бораи устод ва аҳли хонаводаи ӯ пош хӯрданд. Зеро дар рӯ ба рӯи ман ба ҷойи алломаи машҳур, нависандаи бузург, инсони сахтгиру яккавл ва оне, ки танҳо аз шунидани номаш дасту по гум мекардам, шахсе меистод, ки меҳрубону нармдил ва хоксору фурӯтан буд”.

Мошиннавис дар хонаи кории устод аз пайи иҷрои вазифа шуд. Дар ин хонаи на он қадар калону рӯшан ғайр аз мизи мошиннависӣ боз як мизи ғаладонаш бузург, ду-се курсича, диван, се-чаҳор курсӣ ва дигар ашёи зарурӣ гузошта шуда буд. Қурбоной бо Раҳим Ҳошим, ки аз шогирдони сазовори Айнӣ буд, ҳамроҳ кор мекарданд. Одатан шуғл субҳи бармаҳал оғоз меёфт – устод таъкид мекард кор ҳар қадар барвақттар сар шавад, ҳамон қадар босамар ва хушсифат мегардад, ба замми ин касро хаста намекунад, баръакс нерӯву кайфияти хуб мебахшад.

Ҳар вақт дарвоза боз буду вақте Қурбоной даромада омад, устодро дар ҳавлии берун ва дарун, албатта, бо коре банд медид. Бузургвор, ки ҳамеша ба тартиби қатъӣ риоя менамуд, кори ҷисмониро “кори дилкушо, илҳомбахш ва тарбияи бадан” меҳисобид.

Бо вуҷуди серкорӣ вақт ёфта, Айниву Раҳим Ҳошим байтбарак мекарданд, китоби хотираҳои талху ширинро варақ мезаданд.

Ба хонадон аз шаҳрҳои гуногуни Иттиҳод ва мамолики хориҷ меҳмонҳо меомаданд, ки қариб ҳама аҳли илм ва қалам буданд. Дидор бо онҳо Қурбонойро низ хуш меомад, аз байнашон вай профессор Абдураҳмон Саъдӣ, шоирони академик Ғафур Ғулом ва Мирзо Турсунзода, адибону олимон Фотеҳ Ниёзӣ, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Воҳид Абдулло, Ғанӣ Абдулло, Раҳим Муқимов, Абдусалом Деҳотӣ, Мардонқул Муҳаммадқулов, Темур Маъруфӣ ва Ориф Икромовро хуб мешинохт.

Устод бемории диққи нафас дошт, вале ҳеҷ вақт аз хастагӣ лаб намекушод, худро ба адёл печонда корро давом медод. Қурбонойу Р. Ҳошим




саъй мекарданд ба осоиштагӣ риоя созанд, дару тирезаҳоро мебастанд, то чиқ-чиқи мошинка ба устод халал нарасонад. Вале бузургвор ворид мешуд ва мутоибаомез мегуфт, Қурбоной, дар гармои нафасгардон чаро тирезаҳоро баста мондед? Ҳини касалӣ мағалу шӯр ва овози баландро хуш накунам ҳам, «чиқ-чиқ»-и мошинка ба ман халал намерасонад, баръакс он гувоҳи идома ёфтани кори ман, далели хуб будани ҳолу аҳволи ман аст, бемалол кор кардан гиред.

Қурбоной хост ба шуъбаи ғоибонаи донишгоҳ ҳуҷҷат супорад. Айнӣ гуфт: “Таҳсили ғоибона маънои мустақилона илм омӯхтанро дорад. Бинобар шароите, ки ҳоло шумо доред, метарсам, ки илмомӯзиатон ба номаш шуда монад. Мақсад аз хондан коре карда диплом гирифтан нест, балки соҳиби илм шудан аст. Ҳамин тавр не? Беҳтараш рӯзона хонед”.

Ин панди устод ҳануз аҳамияти худро гум накардааст...

“Шуълаи ҷовидон” як китоби кӯчак, ки муаллифаш соли 2012 вафот кардааст. Вале фикр мекунем маънои як китоби бузург дар он муҷассам. Гӯё ба хонаи файзбори Айнӣ ворид шуда ва аз пандҳояш баҳра мебаред. Хостам дар бораи ба чоп расидани хотираҳои як зани некдил, ки кӣ будани бузургворро дигарбора ба ёд мерасонад, хабарча нависам. Вале нуқта гузоштан душвор гашт. Ба ношир Асадуллоҳ, соҳибкори саховатманд Муродака Мақсудов барои ин кори хайр сад ташаккур. Бародари ҳамқаламии мо устод Паймон хотираҳоро салис ва равон тарҷума ва барои чопи хушсифати «Шуълаи ҷовидон» заҳмат кашидааст. Арвоҳи устоди бузургвор ва адибаи хотиранигор шод бодо!

**М. ШОДИЕВ.**

*Обуна-2023*

# “ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ”-РО ЧӢ ТАВР МЕСОЗЕМ?

**(Фишурдаи як сафар)**

Дар домани осмон анбӯҳи абрҳо нишаста, аз тағйир ёфтани вазъи ҳаво дарак медоданд. Оре, тирамоҳ расидааст ва табиат ба ҳукми ногузири он тобеъ, бе чуну чаро ба феъли вай мутобиқ хоҳад шуд. Нафаси рӯзҳо тадриҷан ба сардӣ мегараванд. Новобаста ба пешомадҳои ғайричашмдошти табиат мо азми қатъӣ дорем, то ба зиёратгоҳи Хоҷаи Пок рафта, аз оби ҷонбахшаш баҳра бубарем, як каф дуо ба рӯҳи азизони он манзили пок фиристода, пас, рӯ ба деҳоти Ҳавзу Оқсу ва Бештахтаи ноҳияи Олтинсойи вилояти Сурхондарё ниҳода, ҳамчунин аз рӯзгор ва вазъи кунунии ҳамзабонон огоҳ бошем.

Ҳамроҳи Олим Панҷизода – муҳаррири рӯзномаи “Ховар” ва хабарнигори махсуси “Овози тоҷик” дар вилояти Сурхондарё, Тоҳир Зокиров, собиқ устоди фанни забон ва адабиёт, ҳофизи хушадо ва Муҳаммадрӯзӣ Ғанизода, шахси маърифатҷӯ дидору гуфтугӯҳоро аз мактаби рақами 53-юми ноҳияи Олтинсой шурӯъ кардем. Он дар маҳаллаи Халқобод ҷойгир аст. Мардумаш саросар тоҷиконанд, ки солҳои панҷоҳуми қарни гузашта барои корам ва обод сохтани заминҳои нав аз кӯҳистони Оқсу, Ҳавз ва Бештахта ба таҳдашт муҳоҷир шудаанд. Аммо то ҳол ватани бобоиро фаромӯш накардаанд ва ғолибан ифтихор ҳам доранд, ки замоне дар оғӯши кӯҳҳои сарбафалак зистаанд. Табиати кӯҳистониашон боқӣ мондааст ва бешак, дар қиболи бодҳои самум пойпарҷо буданро аз қуллаҳои осмонбӯс омӯхтаанд.

Чандин сол муқаддам мактабҳои тоҷикӣ ба фишори беҷо ва олуда ба ғаразҳо дучор омаданд. Мурод тағйири забони таълим дар дабистонҳои тоҷикӣ буд. Аксари мактабҳо дар Бойсуну Узун ва Сариосиё ба дому дасисаи ин пештозони замон гирифтор ва зуд «қурбон» шуданд. Аммо нангу номуси миллии омӯзгорони мактаби рақами 53 боло гирифт ва сахт мубориза бурданд. Дар натиҷа кӯрдилони замон ногузир қаҳри худро ба раҳм иваз намудаву иҷозат доданд, ки фарзандони мардум ба забони модариашон бихонанд. Дар ин кори хайр ба зиёиён раиси маҳаллаи “Гулобод” марҳум Ҳамроҳ Муҳаммадиев сарварӣ мекард, ки ҳоло аз кору пайкори ӯ ба некӣ ёд мерanду шуҷоаташро ситоиш мекунанд.

Мактаби мазкур бо ҷамоаи панҷоҳнафараи омӯзгоронаш имрӯзҳо ба фарзандони мардум таълиму тарбият медиҳад ва ҳатталимкон дар ҳифзи забони модарӣ саҳм мегирад. Аммо таассуфовар аст, ки таваҷҷуҳи хонандагон ба омӯзиши забони худ суст мешаваду сафи китобхонон кам мегардад. Назар ба гуфтаи омӯзгорон кам шудани соатҳои таълимии забон ва адабиёти тоҷик ба сифати таълим зиён ворид месозад.

Аз суҳбатҳо аён гардид, ки обуна ба нашрияҳои тоҷикӣ низ бо ҳар ду пой мелангад. Дар вохӯрӣ устодон Тоштемир Каромиддинов ва Сарбоз Темиров ваъда доданд, ки бо машварат ҳатман ба маҷаллаву рӯзномаҳои тоҷикӣ обуна мешаванду вазъи ногуворро ислоҳ мекунанд, ҳамкориро бо рӯзномаҳои “Овози тоҷик”, “Ховар” ва маҷаллаи “Дурдонаи Шарқ” беш аз пеш идома медиҳанд. Раиси маҳалла азм дорад, ки минбаъд аз ҳисоби тадбиркорони маҳаллӣ шумораи хонандагони рӯзномаҳои тоҷикиро биафзояд.

Сафари мо ба сӯйи Хоҷаи Пок идома ёфт. Деҳаи Карсагонро гузаштаву дарёи ҳоло камоби Олтинсойро убур карда, рӯ ба кӯҳҳои баланд овардем. Роҳи гоҳе ҳамвору гоҳ пасту баланд ва ҷо-ҷо вайрона ниҳоят моро ба Хоҷаи Пок расонд. Алҳол роҳҳо тармим мешаванд, соҳили дарё мустаҳкам мегардад, то вақти серобиҳо хатари валангор шудани он пешгирӣ шавад. Техника якзайл кор карда, роҳро васеътар месозад. Умед ҳаст, ки минбаъд мумфарш ҳам шавад. Бо номи Хоҷаи Пок дар поёнтари зиёратгоҳ деҳае низ вуҷуд дорад, ки аксари аҳолиаш тоҷиконанд. Мактаби замонавии рақами 60-ум инҷост. Тадрис ба забони тоҷикист. Аҳвол дар ин дабистон низ танг буда, обуна ба рӯзномаҳои тоҷикиро қариб аз ёд бурдаанд. Китобхонаи мактаб ягон адад китоби бадеии тоҷикӣ надорад. Ба он 5 адад маҷмӯаи осори эҷодкорони вилоятро тақдим намудем. Сарафкандагии онҳо боиси таассуф ва сарзаниш аст. Аз устодони дабистон хоҳиш намудем, ки худшиносии худро аз даст надиҳанд ва дар рушди забони модарӣ ҳисса гузоранд.

Пас, озими зиёратгоҳи Хоҷаи Пок шудем, ки дар ин вақту соат камодам буд. Фасли тобистон аз зиёдии зиёраткунандагон дар ин манзил ҷой пайдо кардан амри муҳол аст. Ҳоло қадами зоирон канда шуда, ҷойҳои тафреҳ, ки ба таври бесобиқа парешон ва берун аз низом ҷой гирифтаанд, ҳама холӣ буданд. Ягон касон ба чашм мерасиданд, ки ба муҷибе меҳмони вилоят шуда, бо мушояати мизбонон ба дидани ин маҳал омадаанд. Суффачаҳои бисёр, ки бари ҳам сохта шудаанд, хеле берабт ва ба ҳусни зиёратгоҳ номувофиқанд. Хуб мебуд, ба қадамгоҳи Хоҷаи Пок дар сатҳи ҳукумат таваҷҷуҳ зоҳир карда мешуд ва бинову иншооти зарурӣ ҳам дар асоси лоиҳаи махсус сохтаву мавриди баҳрабардорӣ қарор мегирифт. Бинобар ривоятҳо ин мавзеъ қадамҷои Абдураҳмони Афв будааст, ки аз саҳобаҳои кибор ба шумор меравад. Мардум аз қадим ба эҳтироми он азиз, ки дар ин мавзеъ чилла нишаставу дар ғоре аз дасти душманон паноҳ бурдааст, зиёратгоҳе созмон додаанд ва то кунун оберо, ки аз қаъри дара ва миёни сангистонҳо берун меояд, ба нияти шифо истифода мекунанд.

Ба гуфтаи мардуми маҳал ба ин ҷо аз тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ меҳмонон меоянд, аммо набудани шароити мусоид касро озурда месозад. Агар ин ҳол идома ёбад, қадами ихлосмандон низ гусаста хоҳад шуд. Мо бо чанд меҳмон аз Самарқанду Намангон вохӯрдем, ки худро дар оби шифобахши зиёратгоҳ тар кардаву роҳат менамуданд. Абдумалик ном ҷавон, ки зодаи шаҳри Ургут будааст, шикоят кард, ки барои зиёраткунандагон шароити мусоид фароҳам нест. Пеш аз ҳама манзилҳои буду боши замонавӣ лозим аст, бояд кори мағозаву ошхонаҳои хубро ба роҳ монд, то меҳмонон аз онҳо истифода баранд.

Бо фарорасии шом ҷониби деҳаи Ҳавз роҳ пеш гирифтем. Ниҳоят кӯҳтали Бедакро гузашта, аз он фарозӣ ба пошнаи панҷ қуллаи баланд расидем, ки эҳромҳои Мисри қадимро ба хотир меоварданд. Дар домани ҳамин кӯҳпораҳои афсонамонанд тоҷикони деҳоти Ҳавз, Оқсу ва Бештахта ҳаёт ба сар мебаранд ва зиндагии худро аз боғу боғдорӣ ва чорводорӣ обод мекунанд. Муҳаммадрӯзӣ Ғанизода, аз пешқадамони ноҳияи Олтинсой, ки моро ҳамроҳӣ мекард, таъкид намуд: – Ҳавз ва деҳоти атрофи он хеле қадимианд, панҷоҳ-шаст сол муқаддам тобеи ноҳияи Бойсун буданд ва бо ташкил шудани ноҳияи Олтинсой ба ҳудуди он шомил шуданд. Вай аз зистгоҳи мардуми баору номус будааст ва ҳатто дар айёми рӯёрӯиҳои шадид бо фирқаи болшевик, ки мехост низоми нав бисозад, мардони муборизи ин атроф ба дастаи Салом-калта ном ватандӯст муттаҳид гашта, дар ҳифзи ватану дини худ сахт мубориза бурдаанд. Деҳаи Ҳавз ягона мавзее ба ҳисоб мерафтааст, ки дорои оби ошомиданӣ будааст. Аз баракоти як чашмаи кӯҳӣ ҳавзи калоне пайдо шуда, то имрӯз боқист. Номи деҳа низ ба ин ҳавз, ки манбаи ҳаёт мебошад, марбут аст. Устод Тоҳир Зокиров таъкид намуд, ки ҳоло бо гузашти замон аҳолии деҳоти атроф низ ба маротиб афзуда, талаб ба об зиёд гаштааст ва он ҳавзи машҳур дигар ниёзи беш аз пеши аҳолиро таъмин намесозад. Мардум аз камбудии оби ошомиданӣ шикоят доранд. Назар ба маълумотҳо, дар деҳоти ин кӯҳпора ҳудуди 4500 нафар тоҷикон умр ба сар мебаранд, ки онҳоро норасоии оби ошомиданӣ нигарон кардааст. Мардум худ маблағе ҷамъ оварда, бо лӯлаҳои пластикӣ аз дурии 4-5 км ва аз он ҳам беш аз чашмаҳое, ки дар мағзи кӯҳистон ҷой доранд, ба деҳа об меоранд. Ба ин тартиб як қисми ниёзи онҳо ба об таъмин мегардад, аммо ин усул наметавонад мушкили мазкурро комилан ҳал намояд ва аҳолиро шодоб созад. Кӯмаки ҳукумат лозим аст, ки қазияи оби ошомидании ин деҳот ба таври мусбат ҳаллу фасл гардад. Вале ҳукуматдорони маҳаллӣ ба ҷуз ваъда ҳанӯз кореро анҷом надодаанд.

Дидору суҳбати мо дар мактаби рақами 32-юми деҳаи Ҳавз идома ёфт. Мактаб соҳиби бинои замонавӣ аст ва ба он Зикруллоҳ Каримов роҳбарӣ мекунад. Дар овезаҳо шоҳбайтҳои бузургон ба забони тоҷикӣ дарҷ гардидаанд, ки далели эътибори ҷиддии ҷамоаи омӯзгорони ин дабистон ба забони модарӣ мебошад. Ба фарқ аз мактабҳои дигар дар ин ҷо ба рӯзномаҳои тоҷикӣ обуна мешаванд ва устодон гуфтанд, ки алоқамандии худро бо нашрияҳо ба забони модариашон бештар хоҳанд кард.

Президенти кишварамон Шавкат Мирзиёев барҳақ таъкид карда, ки “Ӯзбекистони нав аз остонаи мактаб ва сохтори таълиму тарбият оғоз мегардад”. Ин таъкид тақозо дорад, ки сифати таълиму тарбия дар макотиб беҳтар шавад. Барои ин дабистонҳо бояд бо китобҳои дарсӣ ва бадеӣ таъмин шаванд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
*ноҳияи Олтинсойи вилояти Сурхондарё.*

# ДАР ҶАВОНӢ ДОР ПИРОНРО АЗИЗ...

***Дар маҷмӯаи «Шаҳри абадӣ»-и Маркази байналмилалии сайёҳии «Роҳи бузурги абрешим»-и шаҳри Самарқанд марҳилаи ҷумҳуриявии озмуни «Як пир ба даҳ ҷавон масъул» ба поён расид, ки дар он вакилони тамоми вилоятҳои ҷумҳурӣ ширкат варзиданд.***



Онҳо аз рӯйи чанд шарт бо ҳам рақобат карданд. Ҷойи фахрӣ ба намояндаи вилояти Сурхондарё Чорӣ Ҷумъаев насиб кард. Вай бо 27 миллион сӯм маблағ ва тӯҳфаҳои хотиравӣ мукофотонида шуд. Ба ҷойи дуюм Солеҳҷон Худоёрови самарқандӣ ва савум мӯйсафед аз Қароқалпоқистон Нурмуҳаммад Тулемуродов сарфароз гаштанд ва онҳо низ мукофоти пулӣ гирифтаанд.

Боиси хушнудист, ки иқдоми нек бо ташаббус ва дастгирии сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев оғоз шуд, – иброз дошт ғолиби озмун Чорибобо, – мақсади асосии озмун кумак ба ҷавонон барои дарёфти мавқеи худ дар ҷамъият, пешгирии ҷудошавии оилаҳо, муҳаббат ба ватан, меҳнат, эҳтироми хоса ба анъанаҳои миллӣ аст.

Аз фурсат истифода бурда ба ташкилкунандаи тадбир арзи сипос менамоем ва тавассути рӯзномаи «Овози тоҷик» ба насли наврас мегӯем гуфт:

*Дар ҷавонӣ дор пиронро азиз,*
*То азизи дигарон бошӣ ту низ!*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**
**Суратгир: Р. ГАЛЕЕВ.**

***Ба қарибӣ дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд анҷумани таълимии «Ӯзбекистон – Русия» баргузор гардид, ки дар он беш аз 200 муассисаи таълими олӣ, роҳбарони корхонаҳои гуногун, вакилони вазорат ва расонаҳои ахбори ду кишвар ширкат варзиданд.***

# ҚУФЛКУШОИ ҲАМА ДАРҲОСТ ИЛМ

Табрикоти самимонаи сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёевро ба иштирокчиёни анҷуман мушовири давлатии Президент Одил Абдураҳмонов ва табрикоти Президенти Русия Владимир Путинро сардори Садорати алоқа бо минтақаҳо ва фарҳангии Русия Игор Маслов хонда доданд.

Бояд таъкид намуд, ки дар ҷараёни фаъолияти форум беш аз 120 шартномаи ҳамкорӣ на танҳо дар байни мактабҳои олӣ, инчунин корхонаву ташкилотҳо ба имзо расид.

— Дар асоси риштаҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ имрӯзҳо дар муассисаҳои таълими олии Русия 4 ҳазору 530 нафар писарону духтарони Ӯзбекистон таҳсил мегиранд, – иброз дошт ректори Донишгоҳи давлатии Маскав Виктор Садовничий, – дар Ӯзбекистон бошад, 4 шӯъбаи мактабҳои олии Русия ташкил ёфтаанд. Ин ҳама сиёсати дурандешона ва хирадмандонаи сарвари давлати Ӯзбекистон аст, ки вай барои ривоҷи илму дониш диққату эътибори махсус дода истодааст. Умедворам, ки дар асоси риштаҳои дӯстӣ ва ба имзо расидани созишномаи нав ҳамкории мо боз мустаҳкам хоҳад шуд.

— Донишгоҳи давлатии Самарқанд бо 120 мактабҳои олии дунё ҳамкорӣ дорад ва дар байни онҳо Русия нуфузи хосаро пайдо кардааст, – гуфт ректори ин донишгоҳ Рустам Холмуродов,— шояд аз ҳамин сабаб маҳз дар мактаби олии мо анҷумани бошукӯҳ баргузор гардид. Имрӯзҳо дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд қариб 30 ҳазор нафар талаба таҳсил гирифта, беш аз ҳазор нафар устодон, ки дар байни онҳо олимони маъруф ва академикҳо ҳастанд, дар андозаи байналмилалӣ таълиму тарбия медиҳанд.

**Аҳмадҷон СОЛИЕВ,**
**проректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд.**

# «БОЗГАШТ»-РО БА НАВОР МЕГИРАНД

***Синамогаронамон барои ба навор гирифтани филми бадеии «Бозгашт» даст задаанд. Ин кор аз ҷониби дастандаркорони Корхонаи унитарӣ-давлатии киностудияи «Ёшлик» идома дорад.***

Филми бадеии «Бозгашт» паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти маишии одамонро то ба ин давраи нави глобалӣ дар мисоли пиразану мӯйсафед инъикос менамояд. Агарчи воқеаҳои филм марбут ба ягон ҳудуди муайяну мушаххас нест, бо вуҷуди ин қисмҳои он дар атрофи шаҳри Ҷиззах ва бештар дар ҳудуди ноҳияи Зомин ба навор гирифта мешавад.

Коргардони филм Шокир Холиқов таҳти роҳбарии директори он Хуршед Абдуллоев паи ҷолибияти филми мазкур меҳнат мекунад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1125. Адади нашр 4694 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.